Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гаштааст.**

Мавзуи таҳқиқоти илмӣ ба масъалаи муҳим ва мубрами илми иқтисодӣ, такмили низоми идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод, рақобати шадид дар бозори молиявӣ ва афзоиши талабот ба шаффофият ва устувории низоми бонкӣ, таҳқиқи масъалаҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Дар автореферат мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ муайян карда шудаанд. Муаллиф бо такя ба таҳлили васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, заминаҳои назариявии идоракунии корпоративиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, хусусиятҳои татбиқи он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявӣ, коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Муаллиф омилҳои таъсиррасон ба сифати идоракунии корпоративиро муайян намуда,

роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунӣ, такмили низоми назорати дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофиятро пешниҳод кардааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба рушди минбаъдаи назарияи идоракунии корпоративӣ дар самти омӯзиши идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва таҳлили таъсири он ба самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот имкони ба сатҳ ва сифати идоракунии корпоративӣ дар амалияи бонкҳои тиҷоратӣ баҳо доданро медиҳад ва дар амалияи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифтани пешниҳоду тавсияҳои мушаххаси таҳқиқот ба такмил ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии онҳо мусоидат мекунад.

1. Сохтор ва мантиқи таҳқиқот пай дар пай ва мутобиқ ба талаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, забон ва услуби баён илмӣ, возеҳу равшан ва дақиқ мебошад.

2. Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомёфта аз назари мо агар муаллиф ба қисми таъсиррасонии равандҳои рақамикунонии бонкӣ ба идоракунии корпоративиро таҳлил менамуд, ба сифати кор баҳои иловагиро зам менамуд. Албатта, назари мо наметавонад ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири манфӣ расонад ва он хусусияти тавсиявиро доро мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Ф.М. Абдулхайров дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботи муқарраргардидаи корҳои тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, метавонанд барои беҳтарсозии сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ саҳмгузор гарданд. Бо ин назардошт, диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи "Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи идоракунии молияи давлатӣ
ва иқтисоди рақамии АИДНПҶТ Досиев М.Н.

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. +992 (37) 224-17-86. https://info@apa.tj